# Омӯзиши Библия барои шогирдон

Мундарича

Сарсухан ------------------------------------------------------------------2

Марҳалаи Якум: Мамоти Исо Ва Омӯрзиш---------------------------3

Марҳалаи Дуюм: қудрат ва Истироҳати Исо-------------------------8

Марҳалаи Сеюм: Рӯҳулқудс Ва Калисо / ҳаёти Оилавӣ------------12

Марҳалаи Чорум: Калисои Таслӯникӣ----------------------------------18

Марҳалаи Панҷум: Дуо – Майдони Муҳориба-------------------------23

Марҳалаи Шашум: Худои Меҳрубон Ва Каломи ӯ-------------------28

Марҳалаи ҳафтум: Ирмиё, Итоат Ба Даъвати Худо-------------------33

Марҳалаи ҳаштум: Мусолиҳакорӣ---------------------------------------38

Марҳалаи Нӯҳум: Хабари Хуши Наҷот Ва Садоқат-------------------43

Марҳалаи Даҳум: Зане, Ки Равғани Атрафшони Худро
ба Исо Бахшид----------------------------------------------------------------48

# САРСУХАН

Онҳоеро, ки Исоро пайравӣ мекунанд “Шогирдони Масеҳ” меноманд. Исо ба мо чунин фармон дод: “Биравед, ва ҳамаи халқҳоро шогирдони худ гардонед”. Ин маводи омӯзишӣ барои он тартиб дода шудааст, ки Масеҳиёнро роҳнамоӣ кунад, то ин ки онҳо шогирдони пухта шаванд ва инҷилро ба тамоми халқҳо паҳн кунанд. Барои ин омӯзиш мо чунин шиор дорем “Шогирдони Масеҳ будан барои Инкишоф” ва мундариҷаи ин китоб ба таври мувашшаҳ тартиб дода шудааст. Мундариҷаи ин омӯзиш чунин аст:

1. Масеҳӣ Будан
2. Шогирдӣ
3. Меваи Рӯҳулкудс
4. Калисои Масеҳ
5. Худо ва Дуо
6. Омӯзиши Библия
7. Итоаткорӣ
8. Шаҳодат ба ин ҷаҳон
9. Сипосгузорӣ ва ҳамду Сано
10. Ҳаёти муқаддасона ва Садоқат

Ин китоб панҷ зинаро дар бар мегирад. Ҳар зина дар навбати худ ба 10 марҳала бо даҳ мавзӯҳои гуногун ҷудо шудааст. Чун зинаҳо рушд меёбанд, дараҷаи омӯзиши Библия ва садоқати шумо низ амиқтар мешавад.

Ин китоб “Маводи муҳими Омӯзиши Библия” аст. Барои бар тибқи мундариҷаи библиявӣ кор кардан, мо дар ҳар боб ба порчаҳои муайяни библиявӣ диққатамонро менигаронем, ҳамчунин истифодаи порчаҳои библиявиро, ки дар ҷойҳои гуногуни Библия ҳастанд кам мекунад. Чун шумо Библияро тавассути ин мавод меомӯзед, мо дуо мекунем, ки дониши шумо дар бораи Библия афзун гардад ва ҳаёти шумо як модели шогирди ҳақиқии Исо будан, гардад.

**Апрел 1992, Шогирдӣ барои Исо**

МАРҲАЛАИ ЯКУМ (МАСЕҲӢ БУДАН)

## МАМОТИ ИСО ВА ОМУРЗИШ

Оятҳо аз Библия: Ибриён 9:1-14, 10:11- 25

Оят барои аз ёд кардан: 9:14

САРСУХАН

Худое, ки оламу инсонро офарид, Худои муҳаббат аст. Ӯ одамонро ба шакли худ офарид ва хост, ки бо онҳо дӯстӣ кунад. Ҳамчунин Ӯ дар тафаккури одамон фикри абадият ва Худоро гузошт. Вақте ки одамон Худоро ба дилашон ҳамчун Худованди Худ даъват мекунанд, ин боиси хурсандию дилхушии онҳо мешавад. Бо Худо дар дил, одамон аз сулҳу осоишие баҳра мебаранд, ки ба ҷузъ аз ин ҳеҷ чизи дигар дар ҷаҳон наметавонад ин сулҳу осоиширо таъмин кунад.

Вале бо вуҷуди ҳамаи ин, одамон ба ҷои қабули иродаи Худо, аз паси иродаи Худ мебошанд. Натиҷааш он аст, ки одамон ба Худо бегона мешаванд, ё ба Ӯ саркашӣ мекунанд. Ин далели он аст, ки одамон гуноҳкор ҳастанд. Онҳое, ки аз Худо рӯй гардонданд наметавонанд, худашон ба назди Худо баргарданд.

Барои гуноҳояшон одамон ба ҷазо маҳкум шудаанд. Вале, дар замони гузашта, Худо ба онҳо имконият дод, ки барои омӯрзиши гуноҳояшон ягон ҳайвонро қурбонӣ кунанд. Ба воситаи ин, онҳо файзу бахшиши Худоро нишон медоданд. Вале қурбонкунии ҳайвон дили гуноҳкорро пок намекунад. Қурбонии комил барои омӯрзиши комил, аз тарафи Худо ба василаи Исо тақдим шуда буд, ки дили гуноҳкоронро пок мекунад.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. АҲДИ АВВАЛ ВА НИЗОМИ ҚУРБОНКУНИИ МАЪБАД (9:1-10).

Худо насли Иброҳимро ба кӯҳи Сино даъват кард ва бо онҳо аҳд кард. Агар онҳо ба аҳкоми Худо итоат кунанд, онҳо халқи Худо хоҳанд шуд ва Худо, Худои онҳо хоҳад буд. (Хуруҷ 19:1-8). Худо ба онҳо Шариат дод (Хуруҷ 20-23) ва бо онҳо аҳди хунӣ кард (Хуруҷ 24:1-8). ӯ дар хайма дар байни халқи Худ сокин шуд. Агар одамон шариати Худоро вайрон мекунанд, онҳо бояд қурбонӣ тақдим

кунанд, то ин ки гуноҳояшон бахшида шаванд. Вале қурбонӣ кардани ҳайвон роҳи комили ҳалли гуноҳҳои халқи ӯ нест.

1) Хайма аз қудс ва қудси қудсҳо (ҷои муқаддастарин), ки бо парда ҷудо шудааст, иборат мебошад. Худо дар қудси қудсҳо сокин аст. Одамон барои дидани Худо бояд ба қудси қудсҳо дароянд. Вале барои ин имтиёз баъзе маҳдудиятҳо буданд. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед (7).

Ба қудси қудсҳо кӣ медарояд?

Чанд бор ӯ ба он ҷо медарояд?

Шароитҳои воридшавии коҳин кадомҳоянд?

Барои гуноҳҳои кӣ хун лозим аст?

2) Мувофиқи далелҳои дар боло зикршуда, Рӯҳулқудс чӣ таълим медиҳад (8-10)?

Роҳ ба сӯи қудси қудсҳо (8)

Заифии қурбонии ҳайвон (9)

Амали низоми қурбонкунӣ (10)

2. НИЗОМИ НАВ ВА ИСО (9:11-14, 10:11-20)

Худо ба мо низоми нав дод. Дар низоми нави ӯ ҳам қудси қудсҳо мавҷуд аст, ки он ҷо Худо сукунат мекунад ва ҳам коҳин аст, ки ба қудси қудсҳо ворид мешавад. Нуқтаи асосии низоми нав, ин вохӯрии коҳин ва Худо мебошад.

1) Нисбати воридшавии коҳин ба қудси қудсҳо барои вохӯрдан бо Худо кадом тағйиротҳо дохил кардаанд (9:11-14)? Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

   Кӣ ба қудси қудсҳо ворид мешавад (11)?

Чанд бор ӯ ворид мешавад (12)?

Шароитҳои воридшавии ӯ кадомҳоянд (12)?

Барои гуноҳҳои кӣ хун лозим аст (14, 10:14)?

2) Аз далелҳои дар боло зикршуда, Рӯҳулқудс чӣ таълим медиҳад (10:14-20)?

Тавоноии қурбонӣ (14)

Аҳди нав (16)

Омӯрзиш (17-18)

Роҳ ба сӯи қудси қудсҳо (19-20)

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Мақсади Худо аз тақдими низоми қурбонкунии ғайрикомил чӣ буд?

2. Қариб 2000 сол пеш, Исо Худро ҳамчун қурбонии Комил пешниҳод кард. Чаро ин қурбонӣ то ҳоло ҳам таъсирнок ҳаст. (9:23-26)?

3. Исо Саркоҳин ва ҳомии Мост. Тавассути ӯ мо ҳар вақте, ки мехоҳем ба пеши Худо меоем. Дар асоси ин далел, нависандаи Ибриён якчанд хулосаҳоро пешниҳод мекунад (10:21-25). Дар партави ин хулосаҳо, ба ҳаёти худ мувофиқи самтҳои зерин назар андозед:

1. Дуо (22):

2. Умед (23): (Ибриён 9:27-28)

3. Муҳаббат ва корҳои хуб (24)

4. Ҷамъшавӣ (25)

ХУЛОСА

Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ДУЮМ (ШОГИРДӢ)

## ҚУДРАТ ВА ИСТИРОҲАТИ ИСО

Оятҳо аз Библия: Матто 8:18-27 , Аъмол 4:23-31

Оят барои аз ёд кардан: 8:26

САРСУХАН

Исо пеш аз рафтан ба пеши Падар, шогирдонашро даъват кард. Ӯ ҳам дар осмону ҳам дар замин тамоми қудратро пазируфт. Ӯ ба шогирдони Худ Вазифаи Бузург дода, онҳоро ба тамоми ҷаҳон фиристод: “Ба Ман тамоми қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст. Пас биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед”.

Асос барои шогирдони Исо, дар бобати тарбияи шогирдони нав, ин аз тарафи Падари Осмонӣ ба Исо додани ҳамаи қудрат дар осмону замин мебошад. Шумо ва ман шогирди Исо мегардем ва ҳамчун шогирдони Ӯ зиндагӣ мекунем. Ҳамчунин мо шогирдони дигар тайёр мекунем. Асосаш мувофиқи он далеле аст, ки Падари Осмонӣ тамоми қудратро дар замину осмон ба Исо дод.

Шогирдони Исо, ки аз қудрати Ӯ вобастагӣ доранд чӣ хел бояд зиндагӣ кунанд? Пеш аз сууди Исо ба осмон, шогирдонаш бо Ӯ зиндагӣ мекарданд, инҷилро мавъиза мекарданд ва дар бораи қудрати Ӯ шаҳодат медоданд. Исо ба онҳо кадом сабақҳоро дод?

АЗ НАЗАР ГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. МУЗДЕ, КИ ШОГИРДОНИ ИСО БОЯД ПАРДОЗАНД (МАТТО 8:18-22)

Дар китоби Матто, ибораи "пайравӣ кардани Исо" маънои "шогирди Исо будан"-ро дорад. Аз ин порча, оиди зиндагии Исо ду дарсро метавонем биомӯзем.

1) Сӯҳбати китобдон бо Исо чӣ хел ҷараён гирифт?

Китобдон (18-19):

Исо (19-20):

Ин дар бораи зиндагии шогирдони Исо чӣ таълим медиҳад?

2) Марди дигар бо Исо сӯҳбат кард. Дар бораи ҷараёни сӯҳбати онҳо нақл кунед.

Мард (21):

Исо (22):

2. ҚУДРАТ ВА ҲИМОЯИ ИСО (8:23-27)

Исо ба онҳое, ки ӯро пайравӣ мекунанд, оиди зиндагии шогирдони Исо ду дарс таълим дод. ӯ аз кӯл гузашт ва шогирдонаш ӯро пайравӣ карданд. Фаъолияти шогирдони Исо дар баҳр, дарси шогирди ҳақиқӣ буданро дар бар мегирад.

1) Вақте ки онҳо баҳрро убур карданд, чӣ ҳодиса рӯй дод (23-24)?

2) Нависед, ки Исо ва шогирдони ӯ чӣ кор карданд ва чӣ хел онҳо сӯҳбат карданд (24-27)?

Исо (24 ):

Шогирдон (25):

Исо (26):

Шогирдон (27):

3) Аз воқеъаи болоӣ, оиди зиндагии шогирдони Исо чиро меомӯзем?

3. ШОГИРДОН ТАЪҚИБОТРО ПАСИ САР МЕКУНАНД.
( АЪМОЛ 4 : 23-31)

Баъди сууди Исои Масеҳ, шогирдони Ӯ – Петрус ва Юҳанно ба маъбад, барои ибодат рафтанд. Назди дарвозаи маъбад, ки ҷамил ном дошт, ланги модарзоде буд ва аз касоне, ки ба маъбад меомаданд, садақа мепурсид. Вақте ки ӯ аз Петрус садақа пурсид, Петрус гуфт: “Ба исми Исои Масеҳи Носирӣ бархезу роҳ рав.” Баъд садақапурс аз ҷо бархост, роҳ рафт, ҷасту хез кард ва Худоро ҳамду сано кард. Одамон аз ин дар ҳайрат афтоданд. Петрус ба одамон гуфт, ки ин одам ба хотири имони худ ба Исо шифо ёфт. Миқдори имондорон ба Исо аз панҷ ҳазор зиёд шуд. Сарварони динӣ Петрус ва Юҳанноро таъқиб мекарданд ва ба онҳо гуфтанд, ки аз эҳёи Исо шаҳодат надиҳанд. Гӯё ки ҷӯшу хуруши ғайримунтазир ва мавҷҳо дар ҳаёти шогирдони Исо ба вуҷуд омадааст (Аъмол 3:1 – 4:22). Шогирдони Исо инро ба масеҳиёни дигар гуфтанд ва онҳо якҷоя дуо карданд. Ба кӣ онҳо дуо карданд? Натиҷаи он чӣ буд?

1. Мавзӯи дуо ( 24 ) :

2. Мундариҷоти дуо ( 25- 30 ) :

3. Натиҷаи дуо ( 31 ) :

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Кадом мушкилиҳо дар ҳаёти шогирдони Исо пайдо шуданд? Чаро Худо ба вуқӯъ омадани мушкилиҳоро пешгӯӣ кард?

2. Исо барои онҳое, ки ӯро пайравӣ мекунанд, сахтию машаққатро пешбинӣ карда буд. Ба фикри шумо, ҳозир пайравӣ кардани одамон кори хуб аст?

3. Исо ҳам дар замин ва ҳам дар осмон тамоми қудратро дошт. Бинобар ин, ҳаёти дигарон наметавонад зери таъсироти тӯфон ва мавҷҳо бошад. Агар шумо истироҳат карда наметавонед, он сабаби чӣ мешавад? Чӣ хел шумо мушкилиҳоро паси сар мекунед?

4. Баъзе вақтҳо ҳатто шогирдони ҳақиқии Исо наметавонанд, таъқиботҳо ва мушкилиҳоро паси сар кунанд. Исо аз он шогирдоне, ки аз мушкилиҳо озод буданд, дар муқоиса бо шогирдони дигаре, ки таҳти мушкилиҳо буданд чӣ интизор буд?

ХУЛОСА

Акнун ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ СЕЮМ (МЕВАИ РӯҳУЛқУДС)

## РӮҲУЛҚУДС ВА КАЛИСО / ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

Порча аз Библия: Эфсӯсиён 5:15-33

Оят барои аз ёд кардан: 5:18

САРСУХАН

Омурзиш, ҳаёти абадӣ ва сокиншавии Рӯҳулқудс. Инҳо баракатҳое ҳастанд, ки Худо хеле пеш ваъда дода буд. Ба онҳое, ки ба Исои Масеҳ имон доранд, Худо Рӯҳи Худоро, сарфи назар аз нажоди онҳо медиҳад, ва онҳоро бо Рӯҳулқудс пур мекунад.

Ҳаёте, ки аз Рӯҳулқудс пур аст, ин ҳаётест, ки аз тарафи Рӯҳулқудс назорат мешавад. Вақте ки одамон бо Рӯҳулқудс пур мешаванд, чӣ хел зиндагӣ мекунанд? Аз Аъмол мо мебинем, ки он замоне ки шогирдони Исо бо Рӯҳулқудс пур шуданд, онҳо бо забонҳои нав гап заданд. Натиҷааш он буд, ки монеъаи забонӣ бартараф шуд ва тавассути ин калисо бунёд ёфт. Калисо тане мебошад, ва Исо сари он аст. Калисо тани ягонаест, ки монеъаҳои нажодию синфиро бартараф мекунад.

ҳоло, вақте ки одамон бо Рӯҳулқудс пур ҳастанд чӣ хел зиндагӣ мекунанд? Кадом монеъаҳоро мо бояд бартараф кунем?

АЗ НАЗАР ГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ПУР ШУДАН АЗ РӯҳУЛқУДС ВА ҳАЁТИ КАЛИСО ( 5:15-21 )

   Ҷаҳон пур аз зино, нопокӣ ва тамаъкорӣ аст. Ин вақти бадӣ аст. Ба онҳое, ки дар ин ҷаҳони пур аз корҳои бад зиндагӣ мекунанд, Павлус се фармони манфии "накун" ва се фармони мусбии "кун"-ро медиҳад.

1) Ин се фармонҳо кадомҳоянд (15-18)?

   Фармонҳои Манфӣ — Фармонҳои Мусбӣ

2) Фармонҳое, ки бо Рӯҳулқудс пур шудаанд дар замони ҳозира навишта шудаанд, ва амали давомдорро мефаҳмонад. Ин чӣ маънӣ дорад?

3) Баъд аз он ки фармон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, чор фармонҳои дигар пайдо мешаванд. Онҳо натиҷа ё василаи ҳаётеро, ки бо

Рӯҳулқудс пур шудааст, нишон медиҳад. Ин чор фармонҳо кадомҳоянд?

2. БО РӮҲУЛҚУДС ПУР БУДАН ВА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ (5:22-33)

Чор васила ва амалҳои баробартаъсири ҳаёт, ки бо Рӯҳулқудс пур шудаанд, ин тобеъи якдигар будани онҳо мебошанд. Павлус ин масъалаҳоро ба муносибатҳои гуногуни байнифардӣ ба кор мебарад, чунончӣ, ба монанди “шавҳару зан”, “волидон ва фарзандон”, ва “хоҷа ва ғулом”. Барои мисол, дар ҳаёти оилавӣ амалҳои баробартаъсир ва василаҳои ҳаёт, ки бо Рӯҳулқудс пур шудаанд кадомҳоянд?

1) ҳаёти зан нисбат ба шавҳар (22-24)

Фармон (22)

Сабаб (23-24)

2) Ҳаёти шавҳар нисбат ба зан (25-32)

Фармон (25 –27)

Фармон (28 - 30)

Фармон (31 - 32)

3) Шавҳар ва зан чӣ бояд кунанд (33)?

Шавҳар:

Зан:

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Чаро Павлус фармонҳои бо Рӯҳулқудсро пурра бо ҳаёти шаробхурӣ муқобил гузашт.

2. Вақте ки одамон аз Рӯҳулқудс пур мешаванд, ин ба фаъолияти ибодатии онҳо дар калисо таъсир мерасонад. Онҳо ба ҳамдигар дар Забурҳо, сурудҳои рӯҳонӣ сухан мекунанд. Чаро пеш аз он ки одамон шаҳодат диҳанд, дар муносибати байнифардии онҳо бояд дигаргуние ба амал ояд?

3. Агар шумо зан ҳастед, пас барои шумо чӣ мушкилие аст, ки ба шавҳаратон пурра итоат кунед? Чаро ин мушкил аст? Дар бораи итоаткорӣ дар ҳама чиз ба шавҳаратон шумо чӣ фикр доред? Инро дар хотир нигоҳ дор: Чун шумо ба муҳаббати шавҳаратон эҳтиёҷ доред, ҳамчунин ба шавҳаратон ҳурмату эҳтироми шумо зарур аст.

4. Агар шумо шавҳар ҳастед, бо кадом сабаб шумо наметавонед занатонро пурра дӯст доред? Масеҳ шуморо интихоб кард ва ҳаёти Худро барои шумо дод, то ин ки шумо қисми калисои ӯ гардед. Ӯ шуморо пок ва татҳир гардонд ва ғизо дод, то ин ки шумо муқаддас ва соҳиби ҷалол бошед. Чӣ хел шумо ба занатон кӯмак мекунед, ки мушкилиҳои ӯро ҳал намоед, ва ӯро низ ғизо медиҳед, ки соҳиби ҷалол гардад?

5. Чор фаъолиятҳое, ки ба *“Бо Рӯҳулқудс пур будан”* нисбат дода мешаванд, аз ҷиҳати грамматикӣ ё ҳамчун натиҷаҳо ё василаҳои он тафсир дода мешаванд. Шумо онро чӣ хел тафсир медиҳед?

ХУЛОСА

Акнун, ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ЧОРУМ (КАЛИСОИ МАСЕҲ)

## КАЛИСОИ ТАСЛӮНИКӢ

Порча аз Библия: 1 Таслӯникиён 4:1-12

Оят барои аз ёд кардан: 4:3

САРСУХАН

Марҳалаҳоеро, ки дар ин зинаи дуюм меомӯзед аз назар гузаронед. Исо барои мо дар салиб мурд, ва гуноҳои мо бахшида шуданд. Мо шогирдони Ӯ гардидем ва зери қудрати Ӯ аз осудаҳолӣ бархурдор ҳастем. Худо ба мо Рӯҳи Худро дод ва амр кард, ки аз Рӯҳулқудс пур шавем. Масеҳиён, он муқаддасони омурзишёфта, ки зери сарварии Исо мебошанд, ки Рӯҳулқудсро пазируфтаанд чӣ хел ҳаётро бояд дошта бошанд? Ин ҳаёте мебошад, ки дар тарси Худованд таҳти тобеъи ҳамдигар аст.

Калисои Таслӯникӣ, ки дар 1 Таслӯникиён дар бораи он сухан меравад, калисои ҷавон аст. Павлус дар бораи Исои Масеҳ ба юнониҳо шаҳодат дод, ва юнониҳои бутпараст рӯяшонро ба Худо гардонданд. ҳаёти онҳо дигаргун шудан гирифт. Пас биёед тағийротҳоеро, ки дар ҳаёташон ба вуҷуд омаданд, бубинем ва онҳоро бо ҳаёти худ муқоиса кунем.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

ҲАЁТИ ҶИНСИИ МУҚАДДАС

Павлус ҳаётеро тасвир мекунад, ки барои Худо маъқул аст. Калисои Таслӯникӣ аллакай чунин тарзи зиндагонӣ дошт. Вале бо вуҷуди ин, Павлус аз онҳо илтимос мекунад, ки чунин зиндагиро давом диҳанд ва онро беҳтар кунанд. Мо бояд саъю кӯшиш ба харҷ диҳем, то ки мувофиқи иродаи Худо зиндагӣ кунем ва ин зиндагиамон мақбули Худо бошад (1-2).

1) Иродаи Худо барои ҳаёти шумо чист (3а)?

2) Агар ба таври махсус гӯем, ҳаёти муқаддасона чист (3б-6)?

3) Чаро мо бояд ҳаёти муқаддасона дошта бошем (7-8)?

1. ҲАЁТИ МУҲАББАТОМЕЗ БАЙНИ БАРОДАРОН (4:9-10).

1) Чӣ хел Павлус аъзоёни калисои Таслӯникиро оиди бародардӯстӣ ситоиш кард (9-10а).

2) Чӣ хел Павлус аъзоёни калисои Таслӯникиро оиди бародардӯстӣ насиҳат кард (10б)?

Нисбати бародардӯстӣ, Павлус ибораи “кори муҳаббатро” (1:3) ба кор бурд. Ин чунин маънӣ дорад, ки дӯст доштани дигарҳо корҳои зиёдеро талаб мекунад. Муҳаббат нисбати “ҳамаи бародарон дар ҳамаи Макдуния” бояд кори зиёдеро дар бар гирад.

2. ҲАЁТИ САЪЮ КӮШИШИ ПАЙВАСТА (4:11-12)

Ҳозир Павлус моро оиди зиндагӣ бо саъю кӯшиш насиҳат мекунад. Оиди саъю кӯшиш, ӯ кадом дарсро тақдим мекунад?

Павлус шабу рӯз кор мекард ва зиндагии худро пеш мебурд. Танқидкунии Павлус ба гӯши аъзоёни калисои Таслӯникӣ расид. Одамон Павлусро аз сабаби шаҳодат додан дар бораи Исо байни имондорони Таслӯникӣ танқид мекунанд, ки гӯё ӯ ин корро барои пул мекунад. Вале Павлус ба саъю кӯшиши зиёде кор мекард, то ин ки ӯ тавонад оиди саъю кӯшиши худ, вақте ки бо ин танқидкуниҳо рӯ ба рӯ шавад ҷавоб гардонад.
(2 Таслӯникиён 3:6-10).

ТАФСИРОТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Ҳаёти муқаддасона ба ҳаёти ҷинсии шахс маҳдуд нест. Чаро Павлус ба аъзоёни калисои ҷавони Таслӯникӣ дар бораи ҳаёти

муқаддасонаи ҷинсӣ хотиррасон кард. Кадом дарсҳо барои калисоҳои ҳозира ва ташкилотҳои таблиғотӣ бармеоянд?

2. Бародардӯстӣ дар кор маълум мешавад. Дар амал ҷорӣ кардани ин намуди муҳаббат бе саъю кӯшиши беандоза ва қурбонкунӣ номумкин аст. Бародардӯстӣ дар гурӯҳи омӯзиши Библияи шумо, калисо ва ташкилоти таблиғотӣ чӣ хел амалӣ мешавад?

3. Бо саъю кӯшиш ва насиҳат кори бисёр кардан тарзи мувофиқи зиндагӣ барои аъзоёни калисо мебошад. Чӣ хел ин дар калисои шумо амалӣ мешавад?

4. Баъзе одамон бародардӯстиро барғалат мефаҳманд ва онҳо хуб кор намекунанд. Бо чунин одамон чӣ хел бояд муносибат кард?

ХУЛОСА

Акнун ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ПАНҶУМ (ХУДО ВА ДУО)

## ДУО – МАЙДОНИ МУҲОРИБА

Порча аз Библия: Хуруҷ 17:1-17

Оят барои аз ёд кардан: 17:11

САРСУХАН

Як вақтҳо Исроилиҳо дар Миср дар ғуломӣ буданд. Онҳо Мисрро бо роҳбарии Мусо тарк карданд. Лашкари Миср онҳоро таъқиб

карданд вале Баҳри Сурх роҳи онҳоро банд кард. Одамон аз баҳр гузаштанд ва аз Миср халос шуданд. Ва асо дар дасти Мусо рамзи бо онҳо будани Худо буд.

Замине, ки Худо ба Иброҳим ваъда карда буд, замини осудаҳолона буд ва онро Худо барои халқи худ тайёр карда буд. Одамон сӯи замин ваъдакарда равона буданд ва онҳо бо душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ шуданд. Миқдори онҳо қариб ду миллион буд ва ҳайвонҳои хонагиашон бо онҳо буданд, ва чун биёбонро убур мекарданд он ҷо об набуд. Офтоби сӯзон, шамоли тафсон ва ташнагии сахт буд, ки тамоми қувваи ҷисмро фурӯ мебарад ва мушкилиҳои дигар онҳоро азоб медоданд.

Он ҷое, ки об буд аҳолии маҳаллӣ зиндагӣ мекарданд. Онҳо ҷанговарони хуб машқдида буданд ва имкон намедоданд, ки аҷнабиён тавассути заминҳои онҳо гузаранд. Сабабаш ин буд, ки имкони гузаштан додан ба аҷнабиён ин мавҷудият ва шаъну шарафи худро дар таваккал мондан буд. Ин муҳоҷират сӯи замини Ваъдакарда мушкилу заҳматовар буд. Халқи Худо ин мушкилиҳои мусофиратро чӣ хел паси сар кард?

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ИСРОИЛИҲО БЕ ОБ МОНДАНД (1-7)

1) Амалҳо ва вазъияти исроилиҳоро тасвир намоед (1).

2) Вақте ки онҳо бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуданд муносибат ва амалҳои исроилиҳо нисбат ба Мусо чӣ хел буд (2-4)?

Одамон (2а):

Мусо (2 б):

Одамон (3):

Мусо (4)

3) Худо ва Мусо ин душвориро чӣ хел ҳал карданд (5-7)?

Худо (5-6а)

Мусо (6б- 7)

2. ИСРОИЛИҲО БО МУҲОРИБА РӮ БА РӮ ШУДАНД (8-17)

1) Он вақт исроилиҳо бо кадом душворӣ рӯ ба рӯ шуданд (8)?

2) Мусо чӣ гуфт (9)?

3) Сарварони исроилиҳо ҳангоми ҷанг зидди душманон чӣ кор карданд (10)?

Еҳушаъ:

Мусо:

4) Ғалаба ва шикаст хӯрдан дар муҳориба чиро муайян мекунад, ва сарварон чӣ кор карданд (11-13)?

5) Баъд аз муҳориба чӣ рӯй дод (14-17)?

Худо (14):

Мусо (15-17):

ТАФСИРОТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Дар ҳаёти ҳар фард Массо ва Мерибо (Озмоиш ва низоъ) мавҷуд аст. Шумо Массо ва Мериборо дар куҷо ва кай аз сар гузарондед?

2. Вақте ки одамон барои нӯшидан об надоранд, онҳо бояд заминро кофта обро пайдо кунанд. Ба фикри шумо чаро Худо ба Мусо гуфт, ки бо асое, ки Нилро бо он зада буд, бар тани сахра занад?

3. Асои шумо чист, ки Баҳри Сурхро ҷудо кард? Таҷрибаи аз сахра баровардани оби шумо чист?

4. Вақте ки он ҷо ҳарбу зарб буд, Мусо бо асояш ба кӯҳ баромад ва дастҳояшро бардошт. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми мушкилӣ Мусо дуо мекард. Ба фикри шумо Мусо дар майнааш чӣ фикр дошт? Баҳс кунед.

5. Ғалаба ё шикаст хӯрдан дар ҳарбу зарб чӣ маънӣ дошт? Чӣ хел Мусо то охир дуо кард? Аз ин кадом сабақро метавон гирифт?

6. Ҳодисаи дар кӯҳ рӯй дода барои он навишта шудааст, то ки роҳнамои Еҳушаъ бошад. Аз ин мо кадом сабақро метавонем бигирем? Маънии бино кардани қурбонгоҳ чист?

ХУЛОСА

Акнун ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед?

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ШАШУМ (ОМӮЗИШИ БИБЛИЯ)

## ХУДОИ МЕҲРУБОН ВА КАЛОМИ Ӯ

Порча аз Библия : Такрори Шариат 6:4-25

Оят барои аз ёд кардан: 6:4-5

САРСУХАН

Яҳво Худои ягона дар ҷаҳон аст. Барои ҳамин моро зарур аст Худоро бо тамоми қалб, бо тамоми ҷон ва бо тамоми қувва дӯст дорем. Ин аҳкоми аввалин ва бузургтарин аст.

Чӣ хел мо муҳаббатамонро нисбати Худо ифода мекунем? Мусо ба мо мегӯяд, ки агар хоҳем Яҳворо дӯст дорем, мо бояд Каломро дӯст дорем. Чун шумо ин марҳаларо мехонед, шумо метавонед донишҷӯи ҷиддии Библия шавед, ки Каломро дӯст медорад. Кӯшиш кунед муаллими Библия шавед. Дар чунин ҳолат, шумо метавонед, шахсе бошед, ки Яҳворо ба таври ҷиддӣ дӯст доред.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. РОҲИ ДӮСТДОРИИ ЯҲВО (6:4-9)

1) Мусо аз ҳама пеш чӣ изҳор кард (4)?

2) Аввалин аҳком, ки ба мо дода шуда буд, кадом аст (5)?

3) Роҳҳои дӯст доштани Худо кадомҳоянд? (6-9)

2. ЧИЗҲОЕ, КИ ДАР ЗАМИНИ ПУРБАРАКАТ БОЯД ДАР ХОТИР БОШАНД.(6:10-15)

1) Ин амр ба кӣ дода шуда буд (10-11)?

2) Дар чунин маврид, чиро онҳо бояд дар хотир дошта бошанд ва ба кадом аҳком бояд итоат кунанд (12-14)?

3) Кадом огоҳӣ дода шуда буд (15)?

3. ЧИЗҲОЕ, КИ ДАР ВАҚТИ ДУШВОРӢ ДАР ХОТИР ДОШТА БОШЕМ (6:16-19)

1) Аз чӣ мо бояд дурӣ ҷӯем (16)?

2) Чиро бояд риоя кунем (17-19)?

3) Ваъдаи Худо чист (18-19) ?

4. МАСЪУЛИЯТИ НАСЛИ ОЯНДА (6:20-25)

1) Аҳкомҳои дар Такрори Шариат 6:20-25 омада барои кӣ ва барои кадом вақт мебошанд (20)?

2) Кадом вазифаро мо ба насли оянда бояд вогузорем (21-25)?

ТАФСИРОТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Сабабҳои изҳороти Мусо оид ба ягона будани Яҳво кадомҳоянд? Дар кадом вақт фаромӯш кардани ягонагии Яҳво осон аст?

2. Чаро одамонро зарур аст, ки вақте ки онҳо дуои хайр гирифтанд боз ҳам бодиққаттар бошанд?

3. Ин раванди табиист, ки одамон Худоро дар вақти душворӣ ё хурсандӣ фаромӯш мекунанд. Роҳи хуби бартараф кардани ин ҳолат чист? Дар бораи одамоне, ки Худоро фаромӯш карданд ва ба нокомӣ дучор гардиданд ва одамоне, ки ба Худо боварӣ доштанд ба комёбӣ ноил шуданд андеша кунед.

4. Шумо метавонед Худоро, ҳамон тавре, ки Каломи ӯро дӯст медоред, дӯст доред. Дар Калом аҳкомҳо ва тартибу низом

омадаанд. Чаро Мусо дӯст доштани Худоро бо дӯст доштани Калом алоқаманд кард?

5. Шумо бояд Худоро дӯст доред, чун шумо ният доред ба фарзандонатон Каломи Худоро таълим бидиҳед. Роҳҳои пурсамар ва пурмаънои таълими Калом кадомҳоянд? Волидон ва муаллимон шуморо чӣ хел таълим доданд?

ХУЛОСА

Акнун, ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ҲАФТУМ (ИТОАТКОРӢ)

## ИРМИЁ, ИТОАТ БА ДАЪВАТИ ХУДО

Порча аз Библия: Ирмиё 1:1-19

Оят барои аз ёд кардан: 1:7

САРСУХАН

Итоаткорӣ калимаи зебоест барои гуфтан ва гӯш кардан. Вале итоат кардан ба мисли гуфтани ин калима осон нест. Итоат кардан ба даъвати Худо – итоаткориро ба фармонҳои Худо, ки баъзан ба шумо бесабаб, хандаовар, ифротӣ ва бемаънӣ менамояд даъват мекунад.

Ирмиё даъват шуд, то ин ки пайғамбари Яҳудо бошад қадамҳое, ки ӯ гузошта буд, пур аз таъқиботу гиряву ашк буданд. Вақте ки ӯ даъват

шуд, ӯ хурд буд ва барои ҳамин навҳа кард, чунки ӯ намедонист чӣ хел сухан кунад. Вале Худо Ирмиёро даъват кард, ҳарчанд ӯ дар синну сол хурд буд. Худо бо ӯ мерафт, ӯро ҳамчун пайғамбари Худ, ки пеши подшоҳони олам гап мезад қудрат медод. Худо ӯро пайғамбари тавоно муқобили онҳое гардонд, ки ҳеҷ кас наметавонист аз болои онҳо пирӯз шавад.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ДАЪВАТИ ИРМИЁ (1:1-10)

Ирмиё ҳамчун пайғамбар 40 сол – аз соли сездаҳуми Подшоҳии Еҳушаъ то фурӯ рехтани Яҳудо хидмат кард. Ин давраи охири Яҳудо буд. Барои Яҳудо, ки завол ёфта буд, Худо як одамро интихоб кард. ӯ одами муқаррарӣ буд. Вале, вақте ки Худо ӯро даъват кард, ӯ дигар зиндагии оддӣ надошт.

1) Худо Ирмиёро кай даъват кард, ки пайғамбар шавад (5)?

2) Ҷавоби Ирмиё чӣ буд (6)?

3) Худо ба Ирмиё чӣ гуфт (7-10)?

2. МАНЗАРАҲОЕ, КИ ИРМИЁ ДИД (1:11-16)

Худо ба Ирмиё, ки то ҳоло дар тарс буд, баъзе манзараҳоро рӯшан кард. Бачаи оддии деҳ, кӯдаке, ки наметавонист пурмазмун сухан кунад… Кадом манзараҳоро Худо ба ӯ ошкор кард?

1) Манзараи якум чӣ буд ва маънои он чӣ буд (11-12)?

Манзара (11):

Маънӣ (12) :

2) Манзараи дуюм чӣ буд ва маънии он чӣ буд? (13-16)

Манзара (13):

Маънӣ (14-16):

Худо маънии манзараи шохаи дарахти бодом ва деги ҷӯшонро ошкор кард. Худо метавонад суханҳои Худро ҳатто ба онҳое, ки кӯдаки хурдсол ҳастанд ва наметавонад пурмазмун сухан кунанд ошкор кунад. Бо чунин тарз, Худо суханҳои Худро ба ҳар як фард ошкор мекунад, ва онҳоро пайғамбарони Худ мегардонад, ва онҳо он чизеро, ки Худо мегӯяд ба мардум мерасонанд. Заифии одам наметавонад сабаби беэтиноӣ нисбати даъвати Худо гардад.

3. АҲКОМИ ХУДО (1:17-19)

Худо ин манзараҳоро ба Ирмиё нишон дод ва фармон дод, ки Ирмиё пайғамбари ӯ бошад. Худо ба ӯ гуфт, ки вазифаи худро ҳамчун пайғамбар иҷро кунад ва Худо ваъда дод, ки ба ӯ кӯмак мекунад.

1) Худо чӣ фармон дод (17)?

2) Худо аллакай чӣ кор карда буд (18)?

3) Худо дар оянда чӣ хоҳад кард (19)?

ТАФСИРОТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Чун Худо Ирмиёро даъват кард, чаро ӯ дар бораи пешгӯӣ ва сарнавишт сухан кард? Чӣ хел ин ба Ирмиё таъсир расонд?

2. Чаро Худо Ирмиёро даъват кард, ҳол он ки ӯ ҷавоб дод, ки намедонад чӣ тарз сухан кунад? Агар Худо одами дигареро даъват мекард, ки дорои маҳорати зиёдтаре буд, оё ӯ корҳои бузургтареро бо сомон мерасонд?

3. Агар Худо шуморо даъват мекунад, ки шумо муаллими Библия, сарвари калисо, ё рӯҳонӣ шавед, шумо худро чӣ хел ҳис мекунед? Агар шумо ба монанди Ирмиё тарсро ҳис кунед, шумо чӣ хел онро бартараф мекунед?

4. Худо ба Ирмиё гуфт, ки камари худро сахт баста, аз ягон чиз натарсад. Тӯли ҳаёташ Ирмиё душвориҳои зиёде аз сар гузаронд. Баъзе вақтҳо онҳоро паси сар кард, вале баъзе вақтҳо ин душвориҳо ӯро зер мекарданд. Таҷрибаи пирӯзии худро аз болои тарс ва шикаст баъд аз он, ки тарс шуморо зер карда буд, бигӯед. Душвориҳое, ки ҳозир бо онҳо рӯ ба рӯ мешавед, кадомҳоянд?

ХУЛОСА
Акнун, ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ҲАШТУМ (ШАҲОДАТ БА ҶАҲОН)

## МУСОЛИҲАКОРӢ

Порча аз Библия: 2 қӯринтиён 5:11- 6:10

Оят барои аз ёд кардан: 5:8

САРСУХАН
Павлус яке аз воизони бузурги Инҷил буд. Ӯ чунон бо ҳарорат шаҳодат медод, ки дигарҳо ӯро аз ақл бегона ҳисоб мекарданд (Аъмол 26:24). Дар ҳақиқат ҳам ӯ чунин менамуд. Вақте ки ӯ шаҳодат медод, ӯро лату кӯб мекарданд, дар зиндон нигоҳ доштанд

ва баъзе вақтҳо ӯ ҳеҷ чиз намехӯрд. Вале ӯ хушбахт буд. Дар чашми одамони ҷаҳон ӯ аз ақл бегона менамуд.

Чӣ ӯро ба чунин ҳолат овард? Ин аз сабаби муҳаббати сахт нисбати Масеҳ буд (2 қӯринтиён 5:14). Ин табиӣ аст, вақте ки кас муҳаббати сахти Масеҳ дорад ва зиндагии пуршавқу ҳарорати масеҳӣ бурда истодааст. Оё шумо чунин муҳаббати Масеҳ доред? Оё одамони атроф ба шумо нигоҳ карда, шуморо одами аз ақл бегона мегӯянд?

## АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. МУҲАББАТИ ХУДО, КИ МОРО НАЗОРАТ МЕКУНАД (5:11-16)

Павлус барои Исо дар қӯринтус шаҳодат медод ва қобил буд, ки дар он ҷо калисоро бино намояд. Аъзоёни калисои қӯринтус Павлусро хуш напазируфтанд. Аъзоёни калисо ҷудо шуданд ва баъзеҳо ҳатто Павлусро зери танқид гирифтанд.

1) Кадом тарафҳои Павлус бевосита ва бавосита аз тарафи одамон зери танқид гирифта шудааст (12-13)?

2) Павлус ба ин танқидҳо чӣ хел ҷавоб дод (11-15) ?

2. РӮҲОНИЯТИ НАВИ МАХЛУҚИ НАВ (5:17-6:2)

1) Онҳое, ки дар Масеҳ ҳастанд, чӣ хел махлуқ ҳастанд (17-18а)?

2) Худо ба махлуқҳои нав чӣ дод (18 –20) ?

3) Кадом номро Павлус нисбати ин рӯҳонияти нав истифода бурд, ва он чӣ маъно дорад (5:20-6:2)?

Масеҳиён бояд ҳамчун элчиёни Масеҳ амал кунанд. Элчиён кадом қудратро доро ҳастанд? Элчӣ қудрати он Касеро дорад, ки ӯро

фиристодааст, сухани он Касеро расонад, ки ӯро фиристодааст, ва кори он Касеро иҷро кунад, ки ӯро фиристодааст. Бо чунин тарз мо ҳам бояд ақида дошта бошем, ки бо Худо якҷоя кор карда истодаем.

3. ТАРЗИ ИҶРО КАРДАНИ РӮҲОНИЯТИ НАВ (6:3-10)

Павлус кӯшиш кард рӯҳонияти нав, рӯҳонияти кор кардан ҳамчун элчии Исоро бомуваффақият анҷом диҳад. Аз сабаби ин рӯҳоният, ӯ бо душвориҳо рӯ ба рӯ шуд. Ин душвориҳо кадомҳоянд? Бо кадом тарз ӯ рӯҳонияти навро иҷро кард?

(3:4а) :

(4 –7) :

(8-10) :

ТАФСИРОТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Онҳоеро, ки фаъолона ва ба таври мусбӣ кор мекунанд танқид кардан осон аст. Роҳи дурусти ҷавоб ба танқид кадом аст? Оё ин дуруст аст, ки ба онҳое, ки танқид мекунанд диққат надиҳем?

2. Павлус тавонист танқидро паси сар кунад, чунки ӯ дар зиндагӣ мақсад дошт. Павлус мақсади нави зиндагӣ дошт, ва ин аз сабаби эҳёи Исо буд (2 қӯринтиён 5:14-15). Чӣ хел ва чаро эҳёи Исо сабаби мақсади нави ҳаёти ӯ шуд?

3. Масъулият ва қудрат якҷоя меоянд. Шумо ҳамчун тарғибгари Инҷил масъулият доред. Кадом қудратро шумо доро ҳастед? Шумо ин қудратро чӣ хел ба кор мебаред?

4. Павлус зиндагии истеҳзо – истеҳзои бешарафӣ ва ҷалол, андӯҳ ва хурсандӣ дошт. Оё шумо ягон каси дигареро медонед, ки чунин

тарзи зиндагӣ дорад? Ин мисолҳоро бигӯед. ҳамчунин агар шумо чунин таҷрибаро аз сар гузарондед, дар бораи он нақл кунед.

ХУЛОСА

Акнун, ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ НӮҲУМ (СИПОСГУЗОРӢ ВА ҲАМДУ САНО)

## ХАБАРИ ХУШИ НАҶОТ ВА САДОҚАТ

Порча аз Библия: Забур 40

Оят барои аз ёд кардан: 40:6-7

САРСУХАН

Биёед даҳонамонро кушоем ва Худоро ҳамду сано гӯем. Ӯ ба ҳамду санои мо сазовор аст. Худои тавоно моро аз душвориҳо раҳо мекунад ва дар даҳони мо сурудҳои нав мемонад. Биёед сурудҳои наверо, ки Худо дар даҳони мо гузоштааст хонем ва Худоро ҳамду сано гӯем.

Барои Худо қурбониҳои зиёдатӣ ва хайрияҳои сӯхтанӣ маъқул нест. Худо, ки оламро офаридааст, ба чизҳои моддии ин ҷаҳон эҳтиёҷ надорад. Ӯ шуморо ва моро интихоб кард, ки фарзандони Ӯ шавем ва Ӯ ҳамду сано ва сипосгузориро аз лабони мо шунавад. Пас биёед даҳонамонро кушоем ва бо сурудҳои нав Худоро ҳамду сано гӯем.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. НАҶОТИ ХУДО ВА ҲАМДУ САНО БА Ӯ (1-5)

1) Вазъияти кунунии забурхон чӣ хел аст ва ӯ чӣ карда метавонад. (1а)?

2) Худо барои забурхон чӣ мекунад (1 -3а)?

3) Натиҷаи наҷоти Худо чӣ аст (3б)?

4) Забурхон аз чӣ икрор шуд (4-5)?

Дарди интизорӣ бузург аст. Вале баъд аз он, ки давраи интизорӣ ва илтимос анҷом меёбад, хурсандии наҷот оғоз меёбад. Ин хурсандӣ – хурсандии хондани сурудҳои нав мебошад. Ин хурсандӣ аст, ки тавассути он одамон Худоро ҳурмату эҳтиром мекунанд. Дар хурсандӣ ва андӯҳи худ, мо хирадмандии Худоро мебинем, ки халқи худро наҷот медиҳад.

2. САДОҚАТ БА ХУДО (6 –10)?

1) Кадом чизҳоро Худо талаб накард (6)?

2) Муносибати забурхон нисбати Худо чӣ хел бояд бошад (7-10 ) ?

Беҳамтоии Худо дар бисёр чизҳои шигифтангезе дида мешавад, ки ӯ ба ман нишон дод. Ӯ маро дӯст медорад ва ба василаи муҳаббати Худ таслим кард. Ӯ дар бораи ман бисёр фикр мекунад, ва маро дороии Худ гардонд. Онҳоеро, ки Худо ба муҳаббати Худ таслим кардааст, муҳаббати Ӯро нишон медиҳанд. Онҳо инро на танҳо бо фаъолияти динии худ пешниҳод мекунанд, балки онҳо инро бо ҷону дил ва муҳаббати худ сӯи Худо пешниҳод мекунанд. Бо лабҳо ва бо дил онҳо Худоро дӯст медоранд ва ӯро ҳамду сано мекунанд.

3. ЭЪТИРОФИ ГУНОҲҲО (11 – 12)

1) Табиати Худоро тасвир кунед (11) .

2) Дар бораи тавбаи забурхон ва натиҷаи гуноҳҳо чӣ гуфта шудааст (12)?

Дар вақти душвориҳо табиати файзи Худоро, ки дигаргун намешавад ба ёд оред. Ҳатто он мавриде, ки аз сабаби гуноҳоямон наметавонем сарамонро бардорем, бояд Худоро ба ёд орем. Табиати файзи Худо бетағийр аст. Чун ҳаёти нав дар батни модар ҳифз мешавад, ҳамчунин Худо, ки батнро офаридааст, маро гиромӣ медорад. ҳатто агар ман дар гуноҳи худ бимонам, Худои файз маро танҳо намемонад. Ин ҳамчунин хурсандии Ӯ мебошад. Худо, ки муҳаббати модарро офарид, бояд он вақте ки Ӯ захми фарзандони Худро шифо медиҳад хурсандӣ дошта бошад.

4. ДАРХОСТ БАРОИ НАҶОТ (13- 17)

1) Забурхон барои чӣ дуо мекунад (13 – 15)?

2) Мақсади ниҳоии нафрин чӣ аст (16)?

3) Байни забурхон ва Худо шумо кадом баробариро мебинед (17)?

Худо ва ман шарикони ҷовидонӣ ҳастем. Нодорӣ ва бадбахтии ман бо кӯмак ва муҳаббати Худо хуб аз байн меравад. Бадбахтӣ ва фурӯтании ман фурсати қулай барои шаҳодати тавоноӣ ва сарватмандии Худо мебошад. Худо маро аз ботлоқи касофат раҳо мекунад ва моро боло мебардорад. Бигзор ин дуои мо бошад, ки Худо ба воситаи лабҳои мо баланд бардошта шавад.

ТАФСИРОТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Наҷоти Худоро ба ёд оред, ки шуморо аз ҷуқурии харобӣ ва ботлоқ раҳо кард. Оиди инҳо сухан кунед, ва Худоро ҳамду сано гӯед.

2. Худо аз хайрияҳо ва фаъолияти динӣ, шуморо бештар дӯст медорад. Шумо бояд чӣ кунед агар хоҳед, ки хайрияҳо ва фаъолияти динии шумо мақбули Худо бошанд.

3. Оё душманони худро суханҳои қабеҳ гуфтан беахлоқист? Чӣ хел сухани қабеҳ дар Забур бо фармони Исо дар бораи дӯст доштани душманони худ ҳамоҳанг ҳастанд?

4. Онҳое, ки аз тарафи Худо наҷот дода шудаанд бояд Худоро бо сурудҳои нав ҳамду сано гӯянд. Чӣ хел шумо аз сурудҳое, ки аллакай медонед, сурудҳои нав эҷод мекунед?

ХУЛОСА

Акнун ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ДАҲУМ(ЗИНДАГИИ ҚУДСИЁНА ВА БАХШОИШ)

## ЗАНЕ, КИ РАВҒАНИ АТРАФШОНИ ХУДРО БА ИСО БАХШИД

Порча аз Библия : Луқо 7:36-50

Оят барои аз ёд кардан: 7:37-38

САРСУХАН

Дар ин порча зани ношиносе пайдо мешавад. Номи ӯ зикр нашудааст. Фақат тасвир шудааст, ки одамон ин занро гуноҳкор ҳисоб мекунанд ва ӯро назди худ роҳ намедоданд. Зани гуноҳкор ҷуръат карда, дар пеши аъзоёни баландмақоми динӣ назди Исо омад. Баъд ӯ чизи пурарзиши худро ба Исо тақдим кард. Синфи баландмақоми динӣ ин занро паст ҳисоб мекарданд ва ба Исо баҳои паст доданд. Вале, Исо бахшиши ин занро ситоиш кард.

Чизи аз ҳама гаронбаҳо барои шумо чист? Оё шумо хоҳиш намекунед, ки онро ба Исо ҳмчун нишонаи сипосгузорӣ бахшед? Ба фикри шумо барои бахшидан ба Исо ягон чиз надоред? Зарфи гаҷини рафғани атрафшони шумо чист?

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. РАФТОРИ ЗАНИ ГУНОҲКОР (7:36-38)

1) Ин ҳодиса кай ва дар куҷо рӯй дод (36)?

2) Кӣ чиро фаҳмид ва назди Исо омад (37)?

3) Зан чӣ кор кард (37-38)?

2. Сӯҳбат байни фарисӣ ва Исо (7:39-43)

1) Фарисӣ ба Исо чӣ хел баҳо дод (39)?

2) Саволи Исо чӣ буд (40- 42)?

3) Ҷавоби фарисӣ чӣ буд (43)?

4) Хулосаи Исо чӣ буд (43-47)?

3. СӮҲБАТИ ИСО БО ЗАН (7:48-50)

1) Суханҳои аввали Исо чӣ буданд (48)?

2) Одамон дар бораи ин чӣ фикр карданд (49)?

3) Суханҳои баъдии Исо чӣ буданд (50)?

ТАФСИРОТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Исо гуфт, ки онҳое, ки бештар бахшида шудаанд, бештар дӯст медоранд. Кадом хел одамон бештар бахшида шудаанд? Оё ин ноадолатона аст, ки онҳое, ки бештар гуноҳ кардаанд, бештар дӯст медоранд?

2. Фарисӣ Исоро ба хона даъват кард, чунки ӯ нисбати Исо шавқ дошт. Ӯ чӣ камбудӣ дошт?

3. Исо дар ин замин ҷисман нест. Чӣ хел мо метавонем равғани атрафшони худро ба Исо бахшем?

4. Зани гуноҳкор зарфи гаҷини худро ба Исо дод. Чизи аз ҳама геронбаҳои шумо чист, ки шумо метавонед онро ба Исо бахшед?

ХУЛОСА

Акнун, ки шумо ин марҳаларо омӯхтед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.